**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мусаллам буда, барои баланд бардоштани шуури ҳуқукқии судяҳо ва бо ин васила таҳким бахшидан ба ҳокимияти судӣ, мустақилияти судяҳо, беҳтар гардидани сифат ва самаранокии санадҳои судӣ ва рушди қонунгузорӣ дар ин самт бахшида шудааст.

Муаллиф дар ин замина амалишавии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро, ки бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021 амалӣ гардидаанд, мавриди омузиш ва таҳлил қарор дода, накши онҳоро дар мустаҳакам намудани ҳокимияти судӣ, мустақилияти судяҳо, баланд гардидани сифат ва самаранокии санадҳои судӣ, интихоби дуруст ва ҷобаҷогузории судяҳо, беҳдошти шароити моддию техникии судҳо ва бо ин восита баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, махсусан қайд менамояд.

Дар навбати худ ибрози ақида баён карда мешавад, ки новобаста аз тарҳрезии проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ баъзе масъалаҳо, ба монанди шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳоло ҳам мушкилотҳо, таҳқиқотҳои нокифояи ҷанбаҳои алоҳидаи ин проблема ҷой доранд. Пурсишҳои сотсиологии дар байни судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки чораҳои андешидашуда ҳам дар қисми қонунгузорӣ ва ҳам дар сатҳи ташкилию ҳуқуқӣ ва сифату самаранокии қабули санадҳои судӣ ба пуррагӣ кифоя намекунанд. Махсусан кафолатҳои қонунии мустақилияти судяҳо, масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷрои санадҳои судӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар амалия беҳбудиро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар натиҷа ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсири худро мерасонад. Аз ин рӯ, возеҳу равшан аст, ки проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ кайҳо боз таваҷҷӯҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб кардааст. Он дар асарҳои ҳам мутахассисон оид ба назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат ва ҳам дар фанҳои ҳуқуқии соҳавӣ мавриди тарҳрезӣ

қарор дода шудааст. Аммо қисми асосии таҳқиқотҳо оид ба масъалаҳои бамиёномада, даҳсолаҳо пеш аз ин интишор ёфтаанд ва мафҳуми онҳо асосан дарки назариявии проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқро дар бар мегиранд. Ҷиҳати шуури ҳуқуқии судя ва ҳукуқтатбиққунӣ дар баррасии парвандаҳои судӣ бошад, дар адабиётҳои соҳавӣ ва маводи илмӣ, масъалаҳои умумии татбиқи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Аз ҷумла муаллиф, саҳми олимони тоҷикро дар ин самт таҳил намуда, таҳқиқотҳои онҳоро дар рисола васеъ истифода намудааст. Илова бар ин, оид ба масъалаҳои хусусият ва сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон, ки бевосита ба болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсирбахш аст, аз қабили, хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ–ҳуқуқӣ) аз ҷониби Абдуллозода Ф.Н., асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Суди Олӣ аз ҷониби Муродзода А.А., ҳуқуқи инсон ва механизмҳои амалишавии он дар мурофиаҳои судӣ, аз ҷониби Искандаров З.Ҳ., масъалаҳои назариявӣ ва конститутсионӣ- ҳуқуқии низоми ҳокимияти судӣ, мақоми судя аз нигоҳи талаботи конститутсионӣ аз ҷониби Мирзамонзода Х.М., табиати ҳуқуқии санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раҳмон Д.С., таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Азиззода У.А. ва Шодиев И.Р. мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Илова бар ин, дар Тоҷикистон оид ба назарияи илми ҳуқуқ якчанд рисолаҳои номзадӣ, аз ҷумла, рисолаи Нусратов Л.М. соли 2008 дар мавзуи «Проблемаҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир (ҷанбаҳои назария ва методология)», рисолаи Ғоибов Р.Д. соли 2012 дар мавзуи «Татбиқи ҳуқуқии судӣ дар заминаи ислоҳоти судӣ- ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар давраи пас аз шӯравӣ: ҷанбаи умумии назариявӣ», рисолаи Насков Д.С. соли 2021 дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият», Саркорова Ш.С. соли 2023 дар мавзуи «Деформатсияи шуури ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ», рисолаи Завқизода С.А. соли 2023 дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ» ва соли 2014 бошад, рисолаи доктории Насриддинзода Э.С. дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги (маданияти) ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити амиқтар шудани фарқиятҳои фарҳангӣ ва тамаддун: мушкилоти назария ва амалия», инчунин рисолаи доктории Раҷабзода Р.М. соли 2022 дар мавзуи «Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологӣ» ҳимоя карда шудаанд, ки муаллиф онҳоро барои пурра гардонидани таҳқиқоти анҷомдодашуда, ҳаматарафа кушода додани ҷанбаҳои

шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додааст, ки ҳамаи он дар маҷмуъ мазмуни рисоларо ғанӣ гардонидаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти аҷомдодашудаи Қодирзода Т.Қ. мубрам буда, норасоӣ ва холигии илми назарияи ҳуқуқ ва давлатро дар ин самт пурра мегардонад.

Амалишавии ҳадафҳои таҳқиқоти пешбинигардида ба муаллиф имконият додаанд, ки то объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ва ҳаматарафа кушода дода шуда, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони ҳозира, омӯзиши андешаҳои гуногун дар бораи ин падидаи ҳуқуқӣ, ошкор намудани хусусият ва заминаи методологии таҳқиқот, аз муайяннамоии масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии судяҳо, фаҳмиши ҳуқуқ ва ҳуқуқтатбиққунӣ дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши он дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар замони муосир буд, ба даст оварда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаи назари принсипҳои ҳуқуқ гузаронида шудааст, ки ба эҷоди назари ҳамаҷонибаи фаъолияти шуури ҳуқуқӣ дар замони муосир, мусоидат мекунад. Бо ёрии усулҳои диалектикӣ, таърихӣ- ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо раванди пайдоиш ва таҳаввули ақидаҳо дар бораи шуури ҳуқуқӣ мушоҳида карда шудаанд. Дар таҳқиқот ҳамчун усулҳои умумии донишҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти назариявӣ: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Ҳамчун усулҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқӣ, усулҳои зерин истифода шудаанд: усули расмӣ-мантиқии шарҳи меъёрҳои ҳуқуқ, усули муқоисавии ҳуқуқӣ, инчунин усули моделсозии назариявӣ ва ҳуқуқӣ.

Бо истифода аз усулҳои умумиилмии низомӣ, таркибӣ ва функсионалӣ мафҳуми умумии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, низоми унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқӣ, алоқаи дохилинизомӣ ва функсионалии байни унсурҳои шуури ҳуқуқӣ, вазифа ва мақсадҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо омӯхта шудаанд.

Дар заминаи усулҳои илмии мантиқӣ, таърихӣ, сотсиологӣ робитаи мантиқии байни унсурҳои таркибии шуури ҳуқӯқии касбии судяҳо, низоми мантиқии функсияҳои шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таъсири шароити таърихӣ ба мазмун ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, дар замони муосир, алоқамандии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо падидаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, омилҳои объективӣ ва субъективӣ муайян ва таҳлил карда шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз усулҳои махсуси илмии оморӣ ва сотсиологӣ сатҳи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, ҳиссаи донишҳои ҳуқуқии назариявӣ ва амалӣ дар фаъолияти касбии онҳо, унсурҳои маънавии фарҳанги ҳуқуқии касбии онҳо муайян карда шуда, бо мақсади муайян намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо истифода аз усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, аз ҷумла, пурсишнома дар байни судяҳо гузаронида шудааст. Дар натиҷа зарурат ва аҳаммияти донишҳои назариявӣ дар

фаъолияти касбии судяҳо, сатҳи истифодаи донишҳои назариявӣ дар фаъолияти судяҳо, таносуби донишҳои назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар заминаи усулҳои махсуси ҳуқуқии шакли меъёрӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ бошад дар диссертатсия шароити таърихии инкишофи шуури ҳуқуқӣ, унсурҳои идеологӣ ва сиёсии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таносуби шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян ва таҳқиқ карда шудаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки он яке аз аввалин таҳқиқотҳои маҷмуӣ буда, дар он масоили назариявӣ - методологии консепсияи нави илмии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо коркард шудааст. Ҳамаи ин ба муаллиф имкон додаанд, ки навоварии илмии таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар илми назарияи ҳуқуқ ва давлат самти нави илмиро кашф намояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суханрониҳо дар вохурӣ бо судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2011 ва 2019, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Барномаҳои ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъбастиҳои амалияи судӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавию стратегӣ, аз ҷумла, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи соли 2023 дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ - стратегро ба таври васеъ истифода намуда, сарчашмаҳои зиёди адабиётҳои илмиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст.

Муаллиф дар диссертатсия вобаста ба роияи қонунгузорӣ ва принсипҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ, эҳтироми ҳуқуқҳои иштирокчиёни муҳокимаҳои судӣ ва махсусан одобу ахлоқи ҳамидаи судяҳо алоҳида истода гузаштааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар қонунгузориҳои мурофиавӣ танҳо муқаррар намудани далели вайрон кардани қонун, ки боиси бекор кардан ё тағйир додани санади татбиқи ҳуқуқ мегардад, кифоя нест. Иҷрои маҷбурии ӯҳдадориҳо низ яке чораҳоии ислоҳкунандаи рафъи саҳви судӣ мебошад.

Тадбирҳои хусусияти тавонбахшӣ дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон аз оқибатҳои саҳви судӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд. Тадбирхои барқароркунанда аз инҳо иборатанд: ҷуброни неъматҳои моддӣ; бекор кардани манъ ё маҳдудиятҳои нодуруст; барқарор кардан дар ҷои кор; товони зарари маънавӣ ва гайра.

Ҳамин тавр, ҷомеаи мо, таъкид менамояд муаллиф, дар рушди худ ба дараҷае расидааст, ки боварии мардум ба адолати санадҳои судӣ, аз эътимоднокӣ ва сифати асосноккунии хулосаҳои баровардаи суд вобаста аст, ки он дар замони муосир рӯ ба беҳбудӣ нигаронида шудааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки низоми донишҳои судӣ, ки дар санади судӣ таҷассум шудааст, аз ду зерсохтор иборат аст: донише, ки судя то баррасии парванда дорад ва донише, ки ҳангоми таҳлили ҳолатҳое, ки ба мавзуи исбот дохил шудаанд. Зерсохторҳо дар ҷараёни фаҳмиши судӣ ва ҳангоми қабули қарор якҷоя, ба ҳам алоқаманд гардида, иттилооти исботиро, ки судяҳо мавриди баррасии парвандаи мушаххас ба даст оврадаанд, ба тартиб медароранд ва онро дар санади судӣ ба сифати ташкилаи бутун, ҳамчун низоми донишҳои судӣ таҷассум мекунанд. Ӯ чунин мешуморад, ки хусусияти зуҳуроти шуури касбии ҳуқуқӣ дар он аст, ки судя хулосаҳояшро дар парванда бо шуури ҳуқуқии худ мутаносиб намуда, ҳамзамон муайян мекунад, ки оё арзёбии ҳуқуқии шахсӣ ба ҳолатҳои воқеии парванда ва қарори қабулшуда ба талаботи қонун мувофиқат мекунадё не.

Пайвастшавӣ ба ин раванди шуури ҳуқуқии касбии судя, қайд менамояд муаллиф, дар он ифода меёбад, ки он: судяро барои равона кардани фаъолияти мурофиавӣ ба муқаррар намудани ҳақиқат водор месозад; дар ҷанбаи иттилоотӣ мазмуни маънои далелҳоро аз нуктаи назари таъини сифатӣ ва арзиши далелнокии онҳо шарҳ медиҳад; дониши бадастомадаро оид ба ҳолатҳои воқеии парванда бо тасвири меъёрии манъи ҳуқуқӣ мутаносиб менамояд; асоси субъективие мебошад, ки ба табдил додани имконияти объективии мавҷудаи муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ ба андешаи худи судя мусоидат мекунад.

Чунин мавқеъ дурустии ҷудо кардани шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро муаллиф ҳамчун як навъи нисбатан мустақили шуури ҳуқуқӣ тасдиқ мекунад. Дар ин роҳ қадамҳои нахустинро муаллиф ниҳода, пешниҳод кардааст, ки дар сохтори шуури ҳуқуқӣ дар баробари сатҳҳои илмӣ ва оддӣ боз як сатҳи дигар - амалӣ ҷудо карда шавад. Ба ақидаи ӯ, хусусияти хоси шуури ҳуқуқӣ омезиши (пайвасти) диалектикии се сатҳи гуногун дар он: оддӣ, бевосита (эҳсосӣ), амалӣ- илмӣ мебошанд. Мавқеи муаллиф оид ба ин масъала асоснок мебошад, зеро фаъолияти касбии судя ҳалли на танҳо масъалаҳои назариявӣ, балки амалиро низ, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба миён меоянд ва барои ҳалли онҳо сатҳи касбии шуури ҳуқуқӣ зарур аст, талаб мекунад.

Бо мурури замон барои судяҳо дастурҳои умумии ҳуқуқӣ, касбӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ ташаккул меёбанд. Ин яке аз омилҳои татбиқи якхелаи меъёрҳои ҳуқуқ, фаъолияти ҳамоҳангшудаи судҳои марҳилаҳои гуногун, муносибатҳои дохили гурӯҳи касбӣ, инчунин таъмини субот ва самаранокии низоми судӣ дар маҷмуъ мебошад. Ноустуворӣ ва мухолифии таҷрибаи судӣ на танҳо аз сустии ҳамоҳангсозии фаъолияти судҳо, балки дар бораи сатҳи гуногуни шуури

ҳуқуқии касбии судяҳо низ шаҳодат медиҳанд, ки зуҳури он шуури ҳуқуқии минтақавӣ мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки таҷрибаи гуногуни судӣ дар судҳои сатҳи ҳаммонанд мавҷудияти ду зинаро дар шуури ҳуқуқии касбии судяҳо тасдиқ мекунад: гурӯҳӣ, ки дар қарорҳои Пленумҳои Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад ва фардӣ, ки дар санадҳои судӣ зоҳир мегардад. Сатҳи инфиродӣ аз ҳама муҳимтар буда, аз барандаи он - судяи мушаххас вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳар як судяро на танҳо ҳамчун яке аз иштирокчиёни мурофиа, балки шахсияти нотакрор низ бояд донист.

Бо тарзи дигар гӯем, судяи бошуур, бовиҷдон ва боинсоф барои қабули қарор ё ҳукми одилона ва судманд бояд ҳамеша худро дар ҷои ҷабрдида, гумонбаршуда ва судшаванда тасаввур кунад, гӯё дар ҷараёни муҳокимаи судӣ муваққатан, фикран дар ҷои онҳо бошад, ба ҳамаи онҳо ҳамдардӣ намояд, онҳоро фаҳмад ва мувофиқи шуури касбӣ ва виҷдони поки худ он чизеро ба ҷо оварад, ки бешубҳа ба нафъи ниҳоии ҳар як одам ва манфиати ҷамъият хизмат кунад.

Тамоми низоми ғояҳои консептуалии ҳуқуқӣ, принсипҳо ва меъёрҳои мурофиаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ, ки муҳимтарини онҳо аз арзишҳои муайяни маънавӣ, ахлоқӣ ва бо ҳуқуқ ҳифзшаванда, аксиомаҳои мақсадноки ҳуқуқӣ, постулатҳо ва императивҳо бармеоянд, иҷрои амал ё қабули қарорҳои судиро, ки тавонанд ғайриқонунӣ шаъну шарафи шахс ва ҳуқуқҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаҳои судиро инкор ё худсарона поймол ва таҳқир кунанд, манъ мекунанд.

Судя бояд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо, инчунин меъёрҳои баланди маънавӣ - ахлоқии рафторро ҷиддан риоя намояд, дониш ва таҷрибаи касбии худро ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба души онҳо вогузор кардашударо истифода барад, сазовори мансаби худ бошад, ваколатҳои худро дар сатҳи касбӣ иҷро намояд, поквиҷдон ва бовиҷдон бошад, дар ҳама ҳолат шаъну шарафи шахсиашро нигоҳ дорад, аз ҳар чизе, ки метавонад боиси паст задани обрӯю эътибори ҳокимияти судӣ гардад ва ба эътибори судя заррар расонад, канора гирад.

Муаллиф қайд намудааст, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ судя бояд принсипи баробариро дастрас карда, ҳамзамон дар назар дорад, ки ҳама дар назди қонун ва суд, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, мазҳаб, ақидаи сиёсӣ, маълумот (таҳсилот), вазъи иҷтимоӣ ё молумулкӣ, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, шакли моликият, ҷойгиршавӣ, тобеият ва дигар ҳолатҳо баробаранд. Таъмини муносибати баробарӣ нисбати ҳамаи шахсони иштирокчиёни парванда шарти объективона ва беғаразона ба амал баровардани адолати судӣ, баррасии одилонаи судӣ мебошад. Салоҳият ва софдилӣ шартҳои зарурии аз ҷониби судя ба тариқи дахлдор иҷро намудани вазифаҳои худ оид баамалбарории адолати судӣ мебошанд.

Илова бар ин, қайд менамояд муаллиф, судя бояд вазифаи худро софдилона, дар сатҳи баланди касбӣ иҷро намояд, ба шахсони иштирокчиёни парванда дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мусоидат намояд, барои сари вақт баррасӣ намудани парванда, қабули қарори қонунӣ ва асоснок тамоми чораҳоро андешад. Судя вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои иштирокчиёни парвандаро барои изҳори озодонаи мавқеи худ эҳтиром намояд, сари вақт мурофиаи судиро ташкил кунад ва гузаронад, чораҳои оқилона андешад, ки ба мақсаду вазифаҳои адолати судӣ мувофиқ бошанд. Судя бояд дараҷаи тахассуси худро дар сатҳи баланд нигоҳ дорад, дониши касбӣ, таҷрибаи амалӣ ва сифатҳои шахсии барои иҷрои дурусти вазифаҳояш зарурибударо такмил диҳад.

Вобаста ба ин, муаллиф дарки табиати ҳуқуқии мавқеъҳои ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои муаррифии мавқеи ҳуқуқии судӣ оид ба нуқтаи назари расмии суд ҳамчун татбиққунандаи ҳуқуқ, ки дар пайвасти бо ғояи умумии маҷмуи мулоҳизаҳо дар бораи меъёрҳои ҳуқуқии татбиқшаванда, ки бо истифода аз усулҳои қиёси қонун ва ҳуқуқ, тафсир, муроҷиати бевосита ба принсипҳои ҳуқуқ ва татбиқи салоҳдиди судӣ табдил дода мешаванд, муҳим арзёбӣ намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дараҷаи асоснокии муқарраароти илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, мубрам буда, аз мазмун ва моҳияти томи рисола шаҳодат медиҳанд. Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар бонизом таҳия гардида, дар он проблемаҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун низоми томи мураккаб инкишофёбанда ва худтанзимшаванда мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Сохтори рисола аз муқаддима, панҷ боб, бисту як зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба проблемаҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омузиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд.

Саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба проблемаҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар Тоҷикистон мебошад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки андешаҳои муаллиф, фаҳмишҳои илмии шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро мукаммал

гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, самтҳои асосии баланд бардоштани он дар шароити ҷаҳонишавиро муайян месозанд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони соҳаҳо ва сатҳҳои гуногун истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи омодасозии мутахасисон, баланд бардоштани сатҳи адолати судӣ баромад карда, дар оянда мумкин аст дар татбиқи барномаҳои давлатӣ ва донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллиф буда, асосноккунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия унвонҷу 5 монография, 1 китоби дарсӣ, 5 васоити таълимӣ, 50 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 20 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст.

Умуман, таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи бандҳои 31, 33- 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудаст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди давлатдорӣ мубрам мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои

илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ки дар натиҷа мазмун ва моҳияти диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои амиқи илмиро ҳал менамояд. Муаллифи диссертатсия Қодирзода Тоҳир Қамар бошад, барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат**
**ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Бобоҷонзода И.Ҳ.**

**Имзои И.Ҳ. Бобоҷонзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ** **Абдураҳмонзода Б.А.**

«11» марти **2024 с.**

**Суроғаи муқарриз:**
**734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.**
**E.mail:bobojonov_i@mail.ru; info@ifppanrt.tj**
**Телефон: +992 (37) 221-03-28; (+992) 93-510-77-11**